# ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТ

ТАҲЛИЛИ ТАЪСИРИ ИҚТИСОДӢ – абзори таҳлилие, ки хароҷоти эҳтимолиро нишон медиҳад ва афзалияҳои дилхоҳи дар барнома пешниҳодшуда ва сиёсати ташаббусҳоро(ё меъёрӣ-ҳуқуқиро) арзёбӣ мекунад ва ҳамчунин муомиларо бо самти алетрнативии фаъолияҳо инъикос менамояд

БУҶЕТИ БУНЁДӢ – буҷети дар оғози сол муайяншуда, ки бо сатҳи дар айни замон ҳосилшудаи пешниҳодоти манфиатҳои ҷамъиятӣ ва сатҳи хидматрасониҳои давлатӣ мутобиқ аст ва бо маблағи умумии манбаъҳои зарурии таъмини дурнамои миёнамуҳлат дар ҳамон ҳаҷм ва сифати маҳсулот ва хидматрасониҳо баробар аст

ҲУҚУҚИ БЕНЕФИТСИАРӢ – ҳуқуқ барои донистани онҳое, ки соҳибони ширкатҳоанд, хусусан, дар соҳаи истихроҷ

БЕНИФИТСИАР – истеъмолкунандаи хидматрасониҳо ва манфиатбардорон

БУҶЕТ – аз фаронсавӣ-. *bougette* –кулвори чармин. Ҳисоби харҷу дахл. Нақшаи молиявие, ки шохисҳои нишондиҳандаҳои хароҷоту даромад ва ғайраро барои давраи муайян пешбинӣ мекунад

БУҶЕТБАНДИИ БА НАТИҶА РАВОНАШУДА – равиши таҳия ва иҷрои буҷет, ки дар он нақшагирии хароҷот тавассути алоқамандии бевосита бо натиҷаҳои ҳосилшуда амалӣ мегадад

СИЁСАТИ БУҶЕТӢ – самти сиёсати иқтисодии давлат, ки бо таҳия ва истифодаи буҷети давлатӣ ва буҷетҳои воҳидҳои маъмурӣ- ҳудудии давлат алоқаманд аст

РАВАНДИ БУҶЕТӢ – фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ доир ба баррасӣ, тасдиқ ва иҷрои буҷетҳо, ки бо қонун танзим шудааст

ТАВСИЯИ БУҶЕТӢ – пешниҳод оид ба таъсиррасонӣ ба буҷет ва раванди буҷет ба хотири ҷалб ва иштирок дар раванди қабули қарорҳои буҷетӣ барои ноил шудан ба тағйирот  дар сиёсати ҷории буҷетӣ, дар раванди буҷет ва муносибатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳолӣ

АФЗАЛИЯТҲОИ БУҶЕТӢ – самтҳои афзалиятноки хароҷоти буҷет

ДАРХОСТИ БУҶЕТӢ – санаде, ки гирандагони маблағҳои буҷетӣ омода намуда, барои тасдиқ ба тақсимкунандаи асосӣ ё тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ пешниҳод мекунанд

МУҲОКИМАҲОИ БУҶЕТ – навъе аз нишастҳои оммавӣ, ки барои шунид ва муҳокимаи буҷетҳои воҳидҳои идории минтақавӣ нигаронида шуда аст ва ҳамчунин як шакли ширкат намудани аҳолӣ дар татбиқи худидоракунии маҳалист

ТАҲЛИЛИ БУҶЕТ – баррасии ҷиддӣ ва ҳамаҷонибаи буҷет, ки аз ҷамъоварӣ, омузиш ва шарҳи маълумот оид ба буҷет,ҳамбастагии маълумот оид ба буҷет бо дигар маълумоти дахлдор, монанди сиёсати давлатӣ ва барномаҳои давлатӣ иборат аст ва ҳамчунин сратегияи иртиботот ва рушд ба ҳадафи ворид намудани дигаргуниҳо

ТАҚВИМИ БУҶЕТӢ – ин маҷмуи марҳилаҳои замонии пай дар пай  аз гузаштани даврҳои буҷетӣ буда,  солона ва саривақтӣ будан шарти он аст

МОНИТОРИНГИ БУҶЕТ – ин ҷамъоварии муназзаму доимӣ, назорат ва таҳлили нишондиҳандаҳои иҷро шудани буҷет аст.

РАВАНДИ БУҶЕТӢ – тартиби таҳия, баррасӣ ва тасдиқи буҷет, ки қонунан муайян ва муқаррар шудааст

ДАВРИ БУҶЕТӢ – маҷмуи фаъолият ва чорабиниҳо оиб ба ташаккули буҷет

ВОЛОНТЕР – коргари ихтиёрӣ

БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ – муҳимтарин ҳуҷҷати молиявии кишвар, ки аз маҷмуи ҳисобу китоби тамомоми муассисаҳо, хадамоти давлатӣ, барномаҳои давлатӣ ва ғайраҳо иборат аст; дар он талаботе зоҳир мегардад, ки бояд аз хазинаи давлат қонеъ карда шавад ва ҳамзамон сарчашмаҳо ва ҳаҷми воридоти матлуб ба хазинаи давлат нишон дода мешавад
БУҶЕТИ ШАҲРВАНДӢ – гузинаи соддашудаи( ғайритехникӣ) буҷети давлатӣ буда, воситаи муҳимми пешниҳоди маълумот ба шаҳрванд оид ба ҷанбаҳои сиёсати буҷетӣ аст

ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ – мафҳумест, ки маҷмуи муносибатҳои(иқтисодӣ-иҷтимоӣ ё бахши фарҳангӣ) нисбатан мустақил ва мухторро аз ҳокимияти давлатӣ ифода менамояд

ДАРАХТИ САБАБУ МУШКИЛОТ – абзори муайян кардани мушкилот ва решаҳои он ва ҳамчунин абзори ҳадафсозӣ

ДЕФИТСИТИ БУҶЕТ –хароҷоти бештари банақша гирифташудаи буҷет нисбат ба даромади он

ПЕШДАРХОСТИ БУҶЕТӢ –пешгуйи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва макромолиявии даромадҳои буҷетӣ

ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТӢ ДАВЛАТӢ – маблағҳои пулие, ки ба буҷаи давлат ба таври маҷонӣ ва бебозгашт мутобиқи табақабандии ҷорӣ ва қонунгузории мавҷуда ворид мешаванд

ДОТАТСИЯ – Маблағи пули буҷетие, ки ба сатҳи поёнии низоми буҷетӣ барои пушонидани ҳадди ақалли хароҷоти зарурии ҷорӣ дар ҳолати нокифоя будани иқтидори андозии минтақае аз буҷаи давлатӣ маҷонӣ ва бебозгашт ҷудо карда мешавад

ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР – ахсон ва созмонҳое, ки манфиаташон ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо, лоиҳаҳо ё барномаҳо дар миён аст.

ИНДИКАТОР (ШОХИС) – нишондиҳандае, ки воситаи оддӣ ва муътамади санҷиши дастовардҳост, дигаргуниҳоеро инъикос менамояд, ки аз барнома ё лоиҳа ҳосил шудаанд ва дар арзёбии фаъолияти сохтори татбиқкунандаи лоиҳа/ барномаҳо мусоидат менамояд

МАНБАИ ИТТИЛООТ – тамоми иттилооти дорои санадҳои нақшавӣ, ҳисоботӣ ва ғайриҳисоботӣ, ки барои гирифтани тасмимҳои мудириятӣ заруранд

КЭЙС – арзи таълиме, ки аз тавсифи вазъияти мушаххаси корӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии воқеӣ иборат аст. Таълимгирон бояд вазъро таҳқиқ кунанд, ба дарки моҳияти он бирасанд, гузинаҳои ҳалли имконпазирро пешниҳод намоянд ва беҳтаринҳоро интихоб намоянд

ТАСМИМГИРАНДАГОН –нафароне, ки ба онҳо салоҳиятҳои муайян додаанд ва барои оқибатҳои тасмимҳои идории татбиқшуда масъул ҳастанд

ЛОББИГАРӢ – мисли як ниҳоде зуҳур мекунад, ки барои рушди сатҳи иштироки ҷомеа ҳангоми дорои аҳамият шудани унсури дастрасӣ ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад

НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ – нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ ва миёнаи иқтисодиёт оид ба ҳаҷми истеҳсол ва истеъмол, хароҷот ва даромад,сохторҳо, самаранокӣ, сатҳи некуаҳволӣ, содирот ва воридот, суръати рушди иқтисодӣ ва ғайра,

ПЕШГУЙИ МАКРОИҚТИСОДӢ – пешгуйи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва параметрҳои буҷетӣ барои солҳои минбаъда тибқи нишондодҳои макроиқтисодӣ

МАСЛИХАТ – мақоми қонунбарор дар Ҷумҳурии Қазоқистон

МАХАЛЛА – мақоми интихобӣ дар сатҳи деҳа ё шаҳрак ё ҷамоати деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор кишварҳо дар Осиёи Миёна

БУҶЕТИ МАҲАЛЛӢ – буҷети воҳидҳои ҳудудӣ-маъмурӣ(деҳа,ҷамоат,ноҳия ва ғайра)

МИССИЯИ (РИСОЛАТИ) СОЗМОН – фалсафа ва ҳадафи созмон; маънии мавҷудияташ дар бозор; тафовути он аз дигарон, ки фарҳанг ва арзиши иҷтимоияшро муайян менамоянд

МОНИТОРИНГ – гирдоварии муназзами маълумот оид ба аҳамияти шохисҳои қаблан интихобнамуда барои таъмин намудани роҳбарон ва ҷонибҳои мафиатдор бо маълумот дар мавриди то кадом андоза ҳадафҳои гузошташуда ноил мешаванд ва чигуна маблағҳои ҷудошуда истифода мешаванд

ВОРИДОТИ АНДОЗ –даромадҳои буҷети давлатӣ аз андозҳо

ВОРИДОТИ ҒАЙРИАНДОЗӢ – даромадҳои буҷавии берун аз воридоти андоз, ки иборатанд аз: 1) маблағҳо аз ҳисоби иҷора ё дигар пардохтҳо ба ивази супордан ва истифодаи муваққатии моликияти давлатӣ;2) маблағҳо аз ҳисоби фоизи маблағҳои боқимонда дар ҳисоби муассисаҳои қарздиҳанда; 3) аз ҳисоби моликияти давлатии таҳти кафолат, барои идоракунии боэътмод супурдашуда ;4) маблағҳои аз қарзҳои давлатӣ баргардондашуда,аз ҷумла , маблағҳо аз фуруши моликият ва дигар намудҳои таъминот; 5)даромад аз ҳисоби фоидае, ки чун ҳиссаи сармояи ойнномавист, фоида аз аксияҳое, ки ба давлат тааллуқ доранд; 6 қисми даромади корхонаҳои воҳиди давлатӣ, ки пас аз пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ боқӣ мемонанд;7) даромади муасиссаҳои буҷетӣ, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардаанд ; 8) маблағҳое ки дар натиҷаи хусусигардонии моликияти мунитсипиалӣ ва давлатӣ ба даст омадаанд, ба буҷетҳои дахлдор интиқол меёбанд; 9) ёрии молиявӣ аз буҷети сатҳи дигар дар шакли кумаки бебозгашт, субвенсия ё дигар навъҳои интиқоли маблағҳои маҷонӣ ё бебозгашт, ки дар қисми даромади гирандаи маблағҳо инъикос меёбад

МАЪРАКАИ ИТТИЛООТИИ ҶАМЪИЯТИ – ҷамъоварии имзоҳо, маҷлисҳо, шунидҳо , аксияҳо ва ҷалби самараноки ҳизбҳои сиёсӣ ва муасиссаҳои ҷамъиятиро дар назар дорад

ШУНИДҲОИ ҶАМЪИЯТИИ БУҶЕТ – мисли шунидҳои оммавии масоили буҷетӣ оид ба буҷаи ягон воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ

АРЗЁБӢ (EVALUATION) – муайянкуниии арзишҳои(фоидаҳои) фаъолият

АРЗЁБИИ БАРНОМА – ҷамъоварии мунтазами маълумот оид ба фаъолият дар доираи барнома, хусусиятҳои он ва натиҷаҳояш

БУҶЕТИ ИШТИРОКӢ – яке аз шаклҳои ҷалб намудани шаҳрвандон дар раванди идораи воҳиди маъмурии ҳудудӣ тавассути таҳия ва тасдиқи буҷети маҳаллӣ бо назардошти сокинони он

ШАРИКИИ «ҲУКУМАТИ БОЗ» (OGP) – ин ташаббуси ҳамҷонибаест, ки ба таъмини уҳдадориҳои мушаххас аз ҷониби давлат ба мақсади шафоффият, тавсиаи имконияҳои шаҳрвандон, мубориза бо фасод ва истифодаи фановариҳои ҷадид барои таҳкими идоракунӣ нигаронида шудааст
НАҚШАИ ТАЪСИРРАСОНӢ – нишон медиҳад, ки чи гуна дурнамоҳо ва чорабиниҳои созмон кор мекунад ва ҳамчунин силсилаи сабабу натиҷаҳоро миёни стратегияиҳои созмон ва натиҷаҳои ниҳоии матлуб нишон медиҳад

ВОРИДОТ АЗ ФУРУШИ САРМОЯИ АСОСӢ – пулест аз ҳисоби: 1) фуруши моликияти давлатии дар ихтиёри муассисаҳои давлатӣ вогузошташуда 2) фуруши маҳсулот аз хазинаи моддии давлат ; 3) фуруши заминҳои моликияти давлатӣ ба моликони хусусӣ ё дар ихтиёри доимӣ ё муваққатӣ барои истифодабари замин ё дигар шаклҳои татбиқи он, бо тарзи муқаррар намудаи қонунҳои давлатӣ ё шартномаҳои байналхалқӣ ; 4)фуруши активҳои ғайримоддие,ки ба давлат тааалluқ доранд .

САҚФҲОИ ХАРҶОТ – баландтарин сатҳи мумкини хароҷоти буҷети асосӣ, ки тавассути бахшҳо ва…ГРБС (главный распределитель бюджетных средств

(рус)) ташаккул меёбад. Ҳаҷми умумии сақфи хароҷот барои соли муайян бо хароҷоти буҷети асосӣ ҷамъи хароҷоти барномаҳои нав ва тағйироти сиёсати давлатӣ ва тарҳи сарфакорӣ дар натиҷаи боло бардоштани самаранокии хароҷоти буҷетӣ мутобиқ аст (http://minfin.tj/downloads/ruk%20po%20form%20bazisnogo%20bud.pdf)

ПЕШФАРЗҲО ДАР НАҚШАИ ТАЪСИРРАСОНӢ – алоқаи дохилии сабабу натиҷаҳои байни чорабиниҳо дар нақшаи таъсиррасонӣ, ки мо андеша дорем, ки ҷо хоҳад дошт (дар англисӣ– *assumptions*)

БАРНОМА (БУҶЕТӢ) – гуруҳи хидматрасониҳо ва чорабиниҳои бо ҳам монандест, ки истифодабарандагони буҷет барои ноил шудан ба ҳадафҳои страгегӣ ва ҳадафҳои амалӣ иҷро менамоянд

ЛОИҲАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ – ҳуҷҷати аз ҷониби вазорати молия таҳияшуда, ки шомили макронишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои давраи минбаъдаи буҷет ва сатҳи умумии даромад ва хароҷоти буҷет буда, ҳаҷми маблағгузории буҷетро барои тартиб додани пешниҳодот оид ба таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ арзёбӣ менамояд

ШАФФОФИЯТ – шарти асосии ошкоро будани тасмимҳои сохторҳои ҳукумат, барпошаваии демократия

БАРЗИЁДИИ (ПРОФИТСИТ) БУҶЕТ – даромадҳои нақшавии буҷети давлатӣ, ки нисбат ба хароҷот бештаранд

ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ – воситаҳои пулие, ки барои таъмини молиявии кору вазифаҳои худидоракунии маҳаллӣ ва давлатӣ равона шудаанд

БУҶЕТИ ҶУМҲУРИЯВӢ –хазина пулии мутамарказ аз ҳисоби андоз ва дигар воридот, ки бо санадҳои раҳбарикунанда дар кишвар мутаносибан ба молияи давлатӣ муайян шудаанд

АУДИТИ ИҶТИМОӢ – раванди тафтиши салибии мутобиқати ҳисоботи давлатӣ бо воқеъият дар маҳал, ин механизми зерҳисобият аст, ки шаҳрвандон барои арзёбӣ ва аудит сафарбар мешаванд; ба фарзияе такя мекунад, ки агар мансабдорон  назорат шаванд, онҳо бештар ба пешниҳодот ва ниёзҳои интихобкунандагонашон масъулият нишон медиҳанд, камтар аз ҳокимият суъйистифода мекунанд ва аҳёнан даст ба аъмоли фасод мезананд .

БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ ХАРОҶОТИ ДАВЛАТӢ – барномаи хароҷоти давлатии ҶТ дар асоси соҳаҳои озмоишӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ дар соли 2006 ба мақсади такмил додани идоракунии молияи давлат, истифодаи самараноки он мутобиқ ба афзалиятҳои сиёсати миллӣ ва ҳуҷҷати Стратегия паст кардани камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст  (http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=9250)

ФОНДИ УСТУВОРГАРДОНИИ ҶТ – фонди махсуси давлатии ҶТ, ки соли 2009 таъсис ёфтааст ва ба ҳадафҳои устуворсозии иқтисодиёт истифода мешавад

СУБВЕНТСИЯ – навъи кумаки пулӣ ба мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ аз ҷониби давлат, ки барои муҳлати муайян ва барои ҳадафҳои мушаххас ҷудо мешавад; дар тафовут аз дотатсия дар ҳолати истифодаи ғайримақсаднок ва ё истифодаи берун аз муҳлати муайяншуда, бояд баргардонда шавад

СУБСИДИЯ – кумак дар шакли пул ё мавод, ки давлат ё кадом муассисаи давлати дигар ба корхонаҳо ё шахсони алоҳида мерасонад

ПАЛАТАИ ҲИСОБ – мақоми олии давлатии доимо амалкунанд оид ба назорати  берунии давлатӣ  (аудит)

ТРАНСФЕРТ (БУҶЕТӢ) – кумаки молиявии буҷети сатҳи болоӣ ба сатҳи поёнӣ
Фискалӣ – он чӣ ба  молия ва пул   нисбат дорад

ФОКУС-ГУРУҲ (ГУРУҲИ ЗЕРҲАДАФ) – аз равишҳои хушсифат дар улуми иҷтимоӣ , ки аз ташкили таҳқиқот тавассути гирдоварии гурӯҳе барои баррасии вазифаи гузошташуда иборат аст

ЭДВОКАСИ (АДВОКАТСИЯ) – фаъолият доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон тавассути иштирокашон дар раванди қабули қарорҳое, ки ба дигаргуншавиҳо: сиёсати ҳукуматҳо дар маҳал ва/ё дар сатҳи давлатӣ; шуури иштирокдорони раванд равона шудаанд

МАЪРАКАҲО ОИД БА ЭДВОКАСИ – маъракаҳое, ки ба татбиқи стратегияи эдвокаси нигаронида шудаанд

ELEVATOR PITCH – *маънои таҳтуллафзиаш* – гуфтор дар лифт аст; вазифа аз он иборат аст, ки моҳияти гуфтори худро ба шахси муҳим дар кутоҳтарин фурсат,( дар 2-3 дақиқае ки гуё бо ҳам дар лифт ҳастед) расонидан тавонӣ

POLICY BRIEF – санади консептуалӣ оид ба масоили сиёсат